unesco
Institute for
Lifelong Learning

CONFINTEA VII

# CONFINTEA VII
# Доираи Марракашии амал:
## Истифодаи иқтидори табдилдиҳандаи омӯзиш ва таҳсилоти калонсолон



# МУНДАРИҶА

**01 Муқаддима**

**05 Принсипҳо ва самтҳои афзалиятнок**

**08 Тавсияҳо оид ба амал барои ОТК-и табдилдиҳанда**

08 Созмон додани доира ва механизмҳои идоракунӣ

09 Таҷдиди низомҳо барои ОТК

11 Таъмини сифати омӯзиш

12 Зиёд намудани маблағгузорӣ

13 Мусоидат ба фарогирӣ

14 Васеъ намудани соҳаҳои омӯзиш

**16 Ҳамкории байналмилалӣ барои татбиқ ва мониторинг**

*Тарҷумаи ғайрирасмӣ ба забони тоҷикӣ - аз ҷониби DVV International дар Тоҷикистон*

UIL/2022/ME/H/11 Rev.

# МУҚАДДИМА

1. Мо, намояндагони 142 Давлатҳои Аъзои ЮНЕСКО, инчунин намояндагони ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шарикони иҷтимоӣ, муассисаҳои Созмони Милали Муттаҳид, муассисаҳои байнидавлатӣ, ҷавонон ва сектори хусусӣ, дар шаҳри Марракаш, дар Шоҳигарии Марокко, инчунин онлайн, аз 15 то 17 июни соли 2022, ба ҳайси иштирокчиёни Конференсияи Ҳафтуми Байналмилалии таҳсилоти калонсолон (CONFINTEA VII) ҷамъ омадем. Конференсия дар шароити пандемияе баргузор мегардад, ки он ба таҳсилот дар тамоми ҷаҳон, аз он ҷумла **омӯзиш ва таҳсилоти калонсолон** (ОТК) таъсири зиёд расонид.

2. Мо бо мақсаде ҷамъ омадем, ки мушкилот ва дастовардҳои дар соҳаи ОТК баъд аз CONFINTEA VI-и соли 2009 мавҷудбударо, баҳо диҳем ва харитаи роҳи рушди ОТК-ро барои 12 соли минбаъда – то соли 2030 ва барои оянда, таҳия намоем.

3. Мо оиди дастовардҳои CONFINTEA VI хотиррасон мекунем, аз он ҷумла оиди дар Доираи Белении амал (ДБА)-и соли 2009 эътирофи ОТК ҳамчун унсури муҳими таъмини ҳуқуқ ба таҳсилот ва дар он муайян намудани панҷ самти амал барои ОТК, ки то ҳол рӯзмарра мебошанд: сиёсат; идоракунӣ; маблағгузорӣ; иштироки васеъ, фарогирӣ, адолат; инчунин сифат. Мо инчунин муҳимияти ҳисоботи глобалии ЮНЕСКО-ро оиди омӯзиш ва таҳсилоти калонсолон (GRALE) таъкид менамоем, ки тавассути он бо супориши ДБА рушди ОТК пайваста арзёбӣ карда мешавад.



4. Дар асоси маълумоти GRALE, мо кӯшишҳои асосии аз соли 2009 анҷомдодаи ҷомеаи байналмилалиро оиди пешбурди ОТК ва омӯзиш дар тӯли ҳаёт, баррасӣ мекунем. Ба чунин кӯшишҳо мансубанд: ӯҳдадории ҷомеаи байналмилалӣ оиди пешбурди Рӯзномаи рушди устувор то давраи соли 2030 ва Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ); аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ эътирофи васеътари омӯзиш дар тӯли ҳаёт, ки мисоли он ҲРУ 4 “Таъмини таҳсилоти фарогир, одилона ва босифат ва дастгирии имкониятҳои омӯзиш дар тӯли ҳаёт барои ҳама” мебошад; ҳисоботи Комиссияи байналмиллалӣ оид ба масъалаҳои таҳсилоти оянда; мониторинги глобалии сифатан баландтари ОТК тавассути панҷ самти амали GRALE; Ҳисоботи умумиҷаҳонии мониторинги таҳсилот (GEM) ва дигар ташаббусҳо, аз он ҷумла Паймони Глобалӣ барои дастгирии паҳнкунии саводнокӣ дар доираи омӯзиш дар тӯли ҳаёт (GAL) ва қадамҳое, ки ба ҳамгироии ОТК ба барнома ва сохтори глобалии таҳсилот равона шудаанд. Аз ин лиҳоз, дар мавриди татбиқи Доираи Маррокашии амал бояд усули ба ҳуқуқи инсон асосёфта истифода шавад.

5. Мо диққати махсусро ба таъсири сохтории тӯлонии пандемияи COVID-19 ба ОТК ва оқибатҳои гуногуни он дар ин соҳа, равона кардаем. Пандемия диққати иловагиро ба зарурати аз ҷониби ҳукуматҳо ва ҷомеаҳо таҳия ва татбиқи стратегияҳои дастрас намудани дониш, малака ва салоҳиятҳо, инчунин сиёсат дар соҳаи таълим, ки ба дастгирии ҷавонон ва калонсолон барои рафъи оқибатҳои ин бӯҳрон равона гардидааст, ҷалб намуд. Мо инчунин зарурати таҳияи стратегияҳои бозомузӣ ва такмили ихтисосро қайд мекунем, ки барои қонеъ намудани талаботи тағйирёфтаистодаи ҷомеа дар соҳаи меҳнат лозиманд, инчунин бо сабаби гузариш ба “технологияҳои сабз ва рақамӣ” ба вуҷуд омадаанд.


atm2003/Shutterstock.com




6. Мо Рӯзномаи рушди устуворро то давраи соли 2030 хотиррасон мекунем, ки дар Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид (СММ) соли 2015 қабул шудааст, барои ноил шудан ба 17 Ҳадафи рушди устувор кӯшиш мекунем. Мо эътироф мекунем, ки омӯзиш дар тӯли ҳаёт барои ноилшавӣ ба 17 ҳадаф таъсири муҳим дорад ва ОТК ҳамчун омили муҳими омӯзиш дар тӯли ҳаёт, калиди дастрасӣ ба ин ҳадафҳо мебошад. Мо, алалхусус ӯҳдадории худро барои иҷрои ҲРУ №4 тасдиқ менамоем, ки мутобиқи он Давлатҳо Аъзо ӯҳдадор шуданд, ки “таҳсилоти фарогир ва одилонаи босифатро таъмин мекунанд ва барои имкониятҳои омӯзиш дар тӯли ҳаёт барои ҳама мусоидат менамоянд". Мо дар бораи Эъломияи Берлин оиди таҳсилот барои манфиати рушди устувор, ки моҳи маи соли 2021 қабул шудааст, хотиррасон мекунем ва нақши муҳими таҳсилотро дар рушди устувор қайд карда, таълимгирандагони калонсолро даъват мекунем, ки барои иҷрои 16 тавсияҳои он кӯмак намоянд. Мо, инчунин, мехоҳем маърӯзаи Комиссияи байналмилалиро оиди таҳсилоти оянда (UNESCO, 2021) "Аз нав дарккунии муштараки дурнамои мо: шартномаи нави иҷтимоӣ ба манфиати таҳсилот" қайд намоем, ки дар он ҳуқуқ ба таҳсилоти босифат дар тӯли тамоми ҳаёт тасдиқ шудааст ва қувваи табдилдиҳандаи таҳсилот барои созмон доданиояндаи устувор, таъкид гардидааст.

7. Мо пурра даъвати Комиссияро “Оид ба таъмини баробарӣ ва ҳуқуқи гендерӣ барои ҳама” дар соҳаи омӯзиш ва таҳсилоти калонсолон ва ҳамчунин бо кӯмаки ОТК, дастгирӣ намуда, эҳтимолияти таъсири меъёрҳои гендериро ба лаёқати самаранок таҳсил кардан эътироф мекунем. Омӯзиш ва таҳсилоти гендерию табдилдиҳандаи калонсолон бояд хусусияти ҳамаҷониба фарогир, яклухт ва байнинаслӣ дошта бошад ва аз ҷониби мақомот ва ташкилотҳои соҳаи маориф якҷоя бо чунин соҳаҳо, монанди тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва адлия, ташаккул дода шавад.

**8.** Мо, Тавсияҳо оид ба омӯзиш ва таҳсилоти калонсолон (RALE), ки Конференсияи Генералии ЮНЕСКО соли 2015 қабул намудааст, дастгирӣ менамоем, аз он ҷумла мафҳуми ОТК-е[1], ки дар он оварда шудааст ва се самти асосии муайяншуда: саводнокӣ ва малакаҳои заминавӣ, таҳсилоти муттасил ва малакаҳои касбӣ, инчунин таҳсилоти либералӣ, халқӣ ва ҷамъиятӣ, малакаҳои шаҳрвандӣ.

**9.** Мо, дубора тасдиқ мекунем, ки ОТК қисмати муҳими омӯзиш дар тӯли ҳаёт мебошад[2] ва ҳамзамон қайд мекунем, ки сиёсат ва амалия дар соҳаи ОТК барои фосилаи васеи синну солӣ, сатҳҳои таҳсилот, фазо ва методҳои омӯзиш татбиқшаванда аст, бо эътирофи он, ки омӯзиш дар тӯли ҳаёт муҳаррики асосии ҷомеаи таҳсилкунанда дар сатҳҳои гуногун мебошад, аз он ҷумла дар сатҳи шахсиятҳои алоҳида, оилаҳо, ташкилот, ҷойҳои корӣ, ноҳияҳо, шаҳрҳо ва минтақаҳо.

**10.** Мо бо боварии комил изҳор мекунем, ки таҳсилот, аз он ҷумла ОТК, яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон мебошад ва чӣ тавре Комиссияи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои таҳсилоти оянда таъкид кардааст - он масъулияте мебошад, ки аҳамияти ҳалкунанда дорад барои дарк ва муайян намудани таҳсилот ҳамчун кори ҷамъиятӣ ва манфиати умумӣ.

**11.** Мо, инчунин саҳми муттасил, бой ва гуногуни ҷомеаи байналмилалии ОТК-ро дар ташкили CONFINTEA VII эътироф мекунем, аз он ҷумла кӯшиши тарафҳои манфиатдори давлатӣ ва ғайридавлатӣ, конференсияҳои омодагии сатҳи минтақавӣ ва байниминтақавӣ, ки ҳуҷҷатҳои ҷамъбастии онҳо дар баробари ДБА, ҳисоботи бознигории миёнамӯҳлати ш. Сувон CONFINTEA VI, маърӯзаҳои GRALE, RALE ва маърӯзаи ЮНЕСКО "Аз нав дарккунии муштараки дурнамои мо" асос барои доираи амали мазкур шуданд.

**12.** Мо, дубора изҳор мекунем, ки дар мавриди ба ҷомеа таҳдид намудани фанатизми афзоянда ва экстремизми зӯроварӣ, афзоиши нобоварӣ ба илм, тақвияти нобаробарӣ дар дохили кишварҳо ва байни онҳо, ОТК метавонад қувваи ҷиддии сиёсӣ барои пурқувват намудани муттаҳидии иҷтимоӣ, беҳтар намудани рушди малакаҳои иҷтимоӣ-эҳсосотӣ, таъмини сулҳ, таҳкими демократия, беҳтар намудани ҳамдигарфаҳмии фарҳангӣ, бартараф намудани ҳамаи намудҳои табъиз, ҳавасмандкунии ҳамзистии осоишта, шаҳрвандии фаъол ва глобалӣ, шавад.

**13.** Мо ӯҳдадор мешавем, ки ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи Саммити (Воҳӯрии сатҳи олии) Дигаргунсозии Таҳсилот дар моҳи сентябри соли 2022 баргузоршаванда, барои паҳнкунӣ ва иҷрои тавсияҳои Доираи Маррокашии амали мазкур мусоидат намоем. Мо оиди муҳимияти ҳамин ҳуҷҷати Доиравӣ хотиррасон мекунем, ки ҳамчун ҳуҷҷати иттилоотӣ дар мавриди омодагӣ ва гузаронидани Саммит асос мешавад.

[1]«Омӯзиш ва таҳсилоти калонсолон ҷузъи марказии омӯзиш дар тӯли ҳаёт мебошад. Он ҳама шаклҳои таҳсилот ва омӯзишро дар бар мегирад, ки барои таъмини иштироки ҳамаи ҷавонон ва калонсолон дар ҳаёти ҷомеа ва фаъолияти меҳнатӣ равона шудааст. Ин мафҳум маҷмӯи равандҳои омӯзиши расмӣ, ғайрирасмӣ ва ғайриасоси (информалӣ)-ро дар бар мегирад, ки тавассути онҳо шахсони дар ҷомеаҳои худ зиндагикунанда калонсол ҳисобида мешаванд, қобилиятҳои худро, ки барои ҳаёт ва меҳнат заруранд, ҳам ба манфиати худ ва ҳам ба манфиати ҷамоатҳои худ, ташкилот ва ҷомеа инкишоф ва ғанӣ мегардонанд. Омӯзиш ва таҳсилоти калонсолон фаъолият ва равандҳои устуворро дар бар мегирад, ки ба дарёфт, эътироф ва мубодилаи малакаҳои асосӣ нигаронида шудаанд. Азбаски дар аксари фарҳангҳо сарҳадҳои байни ҷавонӣ ва ҳаёти калонсолон метавонанд фарқ кунанд, дар ин ҳуҷҷат истилоҳи «калонсол» маънои ҳамаи шахсонеро дорад, ки ба таҳсилот ва омӯзиши калонсолон ҷалб карда шудаанд, ҳатто агар онҳо ба синни қонунии камолот нарасида бошанд». (Тавсия оид ба омӯзиш ва таҳсилоти калонсолон, соли 2015, с.6.).

[2]“Моҳиятан, омӯзиш дар тӯли ҳаёт асос меёбад ба ҳамгироии омӯзишу ҳаёт ва фаъолияти омӯзишии одамони ҳама синну сол (кӯдакон, ҷавонон, калонсолон ва пиронсолон, духтарон ва писарон, мардон ва занон) дар ҳама ҳолатҳои ҳаёт (оила, мактаб, ҷомеа, ҷои кор ва ғайра) тавассути усулҳои гуногун (расмӣ, ғайрирасмӣ ва ғайриасосӣ (информалӣ)) дар бар мегирад, ки дар якчоягӣ доираи васеи эҳтиёҷотро дар соҳаи таҳсилот қонеъ гардонида метавонанд. Низомҳои маорифе, ки ба омӯзиш дар тӯли ҳаёт мусоидат мекунанд, ба равиши яклухт ва умумисоҳавӣ такя мекунанд, бо иштироки зербахшҳо ва сатҳҳои гуногун барои таъмини имкониятҳои таҳсилотӣ ба ҳама.” (Барномаи доиравии амал «Таҳсилот-2030», ЮНЕСКО, с.2015, саҳ. 30, эзоҳи поварақ 5).

# ПРИНСИПҲО ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОК

**14.** Пешбурди ОТК дар доираи дурнамои омӯзиш дар тӯли ҳаёт: рӯзмарра будани самтҳои афзалиятноки Доираи Белении амалро эътироф намуда, ҲРУ 4 барои мавқеъгирии ОТК ҳамчун қисмати асосии омӯзиш дар тӯли ҳаёт имконияти беназир фароҳам меорад, ки он барои рушди устувор ва кафолати сулҳи дар Оинномаи ЮНЕСКО пешбинӣ шуда, мусоидат мекунад.

**15.** Созмон додани шартномаи нави иҷтимоӣ: низоми ОТК, ки бо назардошти хулосаҳо ва пешниҳодоти маърӯзаи "Аз нав дарккунии муштараки дурнамои мо", вазифаи муҳимро дар таҳияи чораҳои ҷавобии инсондӯстона иҷро менамояд, ки он асос меёбад ба ҳуқуқҳои инсон, ҷомеаҳои демократӣ, принсипҳои ахлоқӣ, сафарбаркунии зеҳни дастаҷамона ва муколамаи ошкоро бо такя ба донишҳои байнисоҳавӣ.

**16.** Сарфи назар аз дастоварди назаррасе, ки дар тӯли даҳсолаҳои охир ба даст омадааст, аз он ҷумла дар самти таъмини саводнокии занон, аксарияти давлатҳо ба сатҳи лозимии саводнокӣ, инчунин саводнокии рақамӣ, ноил шуда натавонистанд, тафриқаи зиёди гендериро бартараф накарданд. Дар соли 2021 зиёда аз 770 миллион калонсолон малакаҳои заминавии саводнокӣ надоштанд, ки ҳамзамон аз панҷ се нафарашон занон буданд (UIS). Дар мавриде, ки афзапияти саводнокӣ барои шахсони алоҳида, оилаҳо, ҷамоатҳо, ҷомеа ва сайера дар умум, хуб ҳуҷҷатгузорӣ шудааст, барномаҳои аз байн бурдани бесаводии аҳолии калонсол аз ҷиҳати молиявӣ хуб дастгирӣ намешаванд ва дар сатҳи сиёсӣ ба онҳо диққати лозимӣ дода намешавад.



Dimka Nevedimka/Pexels

**17.** Ифшои нерӯи омӯзиш ва таҳсилоти калонсолон барои мубориза бо тағйирёбии иқлим: тағйирёбии иқлим хатари зиёд дорад барои ҳам инсон ва ҳам дигар намуди маҷудот. Ин моро водор мекунад, ки шакли ҳозираи истеҳсолот ва истеъмолотро зери шубҳа қарор диҳем, соҳаҳои нав ихтироъ кунем ва масъулияти маънавиро барои наслҳои оянда ба зиммаи худ гирем, ҳамзамон эътироф кунем, ки ғамхорӣ дар бораи сайёра омили глобалӣ бояд шавад. Аз ин лиҳоз, таҳсилот дар соҳаи тағйирёбии иқлим ба низоми омӯзиш дар тӯли ҳаёт бояд ворид карда шавад. ОТК бояд як қисми ин табдилдиҳии "сабз" бошад. Ин ба ҷавонон ва калонсолон имкон медиҳад, то ин ки мушкилотро дарк кунанд, огоҳии онҳоро баланд мебардорад ва онҳоро бо донишу имкониятҳои барои мутобиқшавӣ ба тағйироти иқлим ва муқовимат ба он, инчунин барои рушди устуворӣ ва иштирок дар дигаргуниҳо, таъмин мекунад. ОТК метавонад дар васеъкунии ҳуқуқ ва имкониятҳои калонсолон ва шахсони пиронсол нақши муҳим бозад, то ин ки онҳо намунаи ибрат барои кӯдакон ва пешбарандаи дигаргуниҳо дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ ва умумиҷаҳонӣ, шаванд. Омӯзиш дар ҷомеаҳо ва таҳсилоти шаҳрвандӣ омилҳои муҳими рушди устувор мебошанд, аз он ҷумла рушди ноҳияҳои деҳот ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи оқибатҳои тағйирёбии иқлим. Ғайр аз ин, худи сохторҳои ОТК метавонанд барои табдилдиҳии "сабз" тавассути "кабудизоркунии" барномаҳои таълимии худ, ҳуҷраҳо ва усулҳои идоракунӣ, ҳамчун намуна бошанд.

**18.** Мусоидат ба дастрасии баробари ҳамаи таълимгирандагон, аз он ҷумла пиронсолон, ба омӯзиш дар фазои рақамӣ: технологияҳо ба методҳои таълими калонсолон, инчунин ба салоҳиятҳо ва малакаҳои лозимӣ, тағйироти муҳим ворид мекунанд. Онҳо олоти тавоно ва вусъатдиҳандаи пешбурди омӯзиши инфиродӣ шуданд. Ҳарчанд технологияҳо метавонанд қувваи ҳаракатдиҳандаи пешравӣ дар соҳаи маориф бошанд, онҳо инчунин таҳсилоти иҷтимоӣ ва дастаҷамъонаро мушкил намуда, тафриқаи иҷтимоии маҷударо васеътар карда, мушкилоти нав ба миён меоранд. Дастрасии баробари ҳамаи таълимгирандагон ба омӯзиш дар фазои рақамӣ шарти муҳими ҳалли ин мушкилот мебошад. Дастрасии баробар ба омӯзиши рақамӣ ба фаъолнокии шаҳрвандони калонсол ҳамчун узви ҷомеа таъсир расонида, аҳамияти тафаккури интиқодӣ, муошират, ҳамдардӣ ва малакаҳои иҷтимоиро дар мавриди самтгирӣ дар муҳити онлайн барои муқовимат ба маълумоти бардурӯғ ва нобоваринок, мебардорад. Таҳияи стратегияҳои самаранок, чораҳои сиёсӣ ва воситаҳо, бартараф кардани тафриқаи рақамӣ, васеъ намудани дастрасӣ, ҳалли мушкилоти танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар шабакаи интернет ва пешгирии сӯйиистифода аз технологияҳо – ҳамаи ин барои сохтмон додани қувваи табдилдиҳанда ва озодкунандаи ОТК аҳамияти ҳалкунанда дорад. Педагогикаи рақамии самаранок шаклҳои нави дарсдиҳӣ ва омӯзиши рӯзона, фосилавӣ ва омехтаро талаб мекунад.



piyaset/Getty Images

**19.** Омода намудани калонсолон ба кори оянда: тағйироти демографӣ, инқилоби чоруми саноатӣ, ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии иқлим иқтисодиёт ва бозори меҳнатро ба таври назаррас дигаркун мекунанд. Ин дигаргуниҳо ба хусусияти кор, сохтори шуғл, мундариҷаи кору салоҳиятҳо ва малакаҳои тӣталаботдошта оқибатҳои ҷиддӣ доранд. Гузариши хаттӣ аз таҳсилот ба кор, ки дар тӯли даҳсолаҳо шакли бартаридошта буд, аҳамияташро аз даст дода истодааст ва калонсолон дар аксар ҳолатҳо маҷбур мешаванд, ки дар фаъолияти меҳнатии худ ба роҳҳои мураккаб ҳаракат кунанд. Дар ин замина, вазифаи ОТК, тавассути масъулияти якҷояи тарафҳои манфиатдор, аз он иборат аст, ки дар асоси муносибати чандир ба даст овардани одилонаи донишҳо, салоҳиятҳо ва малакаҳои дахлдор дар тӯли ҳаёт таъмин карда шавад, аз он ҷумла самтдории касбӣ ва кӯмаки дигар дар омӯзиш барои дарёфти кор, ба даст овардани кори арзанда, ташаккули касбӣ ва соҳибкорӣ. Инчунин омилҳои демографӣ нишон медиҳанд, ки давомнокии умри одамон дар тамоми ҷаҳон афзуда истодааст, ки ба пиршавии аҳолии сайёра мусоидат мекунад. Азбаски дар шумораи зиёдтари кишварҳо қисмати калони аҳолӣ кор намекунад, ОТК-ро мутобиқ кардан лозим бо назардошти диққати бештар ба омода намудани пиронсолон ба ҳаёт баъди ба итмом расидани фаъолияти меҳнатӣ, аз он ҷумла барои иштироки назарраси онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо таъмини некӯаҳволӣ ва қаноатмандии онҳо дар ҳама соҳаҳо. Ғайр аз ин, дигаргунсозии иқтисодиёт барои ноил шудан ба бетарафии карбонӣ ва ҳифзи муҳити зист, талаботи фавриро ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси калонсолоне, ки аллакай дар бозори меҳнат ҳастанд, ба миён меорад.

**20.** Созмон додани маданияти омӯзиш дар тӯли ҳаёт: омӯзиш дар тӯли ҳаёт барои ҳалли мушкилоте, ки инсоният бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад, аҳамияти муҳим дорад, аз бӯҳрони иқлимӣ то тағйироти технологӣ ва демографӣ, бе едоварӣ аз он мушкилоте, ки аз пандемияи COVID-19 ба вуҷуд омадаанд ва нобаробарие, ки аз он шадидтар мегардонад. Барои ин муносибати маҷмӯӣ лозим аст, ки ҳамаи намудҳои ОТК-ро фаро мегирад (расмӣ, ғайрирасмӣ, ғайриасосӣ), инчунин ҳамаи бахш ва самтҳо, майдончаҳои таълимии гуногун, аз он ҷумла омӯзиши рӯзона, онлайн ва омехта, инчунин гурӯҳҳои гуногуни таълимгирандагон. Ҳамин тариқ, фазои таълимие созмон додан даркор, ки дар он таҳсилоти фарогир ва босифат, инчунин омӯзиш дар тӯли ҳаёт барои ҷавонон ва пиронсолон ташаббуси ҷамъиятӣ мешаванд, ки барои на танҳо манфиати соҳаи меҳнат, балки барои некӯаҳволии инфиродӣ ва манфиати умумӣ хизмат мекунанд.



SeanShot / Getty Images Signature

# ТАВСИЯҲО ОИД БА АМАЛ БАРОИ ОТК-и ТАБДИЛДИҲАНДА

## СОЗМОН ДОДАНИ ДОИРА ВА МЕХАНИЗМҲОИ ИДОРАКУНӢ

**21.** Зарурати таҷдиди шарномаи иҷтимоии соҳаи маорифро эътироф намуда, мо ба ЮНЕСКО пешниҳод менамоем, ки машваратҳои дахлдорро бо коршиносон ва муколамаи байнидавлатиро доир ба роҳҳои пурқувват намудани низоми амалкунандаи таъмини ҳуқуқи инсон оид ба омӯзиш дар тӯли ҳаёт оғоз намояд. Дар доираи ин раванд, роҳҳои мувофиқтарини тадбиқи консепсияи ҳуқуқи омӯзиш дар тӯли ҳаётро омӯхтан лозим, ки асоси онро омӯзиш ва таҳсилоти калонсолон ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, фарҳанги омӯзиш дар тӯли ҳаётро созмон додан мумкин аст, ки барои ҳар як давлат-аъзо мутобиқ гардонида шудааст.

**22.** Мо, арзишнокии платформаҳои байнисоҳавиро барои дастгирии идоракунии ОТК аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни дахлдор, аз ҷумла вазоратҳо, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ, донишгоҳҳо ва таъминкунандагони ОТК, эътироф мекунем. Мо, инчунин муҳимияти муколамаро байни кормандон ва корфармоён ва сохторҳои ташкилии онҳо қайд менамоем, ки дар аксари давлатҳо ба идоракунии самаранок мусоидат мекунад, алалхусус аз нигоҳи назари мутассил такмил додани тахассус.



optimarc/Shutterstock.com

# ТАҶДИДИ НИЗОМҲО БАРОИ ОТК

23. Афзоиши гуногунии таъминкунандагони ОТК-ро дар натиҷаи пайдоиши эконизомҳои мураккаби омӯзишӣ эътироф намуда, мо боз изҳорот мекунем оиди зарурати тақвияти нақши ҳукуматҳо дар созмон додани механизмҳо ва қоидаҳо, чудо намудани захираҳои молиявӣ ва инсонӣ барои дастгирии сохторҳои ОТК, инчунин дар танзим, мусоидат, ҳавасмандкунӣ, ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги ОТК ҳамчун манфиати ҷамъиятӣ ва умумӣ дар доираи тақвияти таҳсилоти давлатӣ.

24. Мо, муҳимияти тақвияти ОТК-ро дар сатҳи маҳаллӣ ҳамчун қисмати стратегии банақшагирӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ, инчунин дастгирӣ ва ҳам/маблағгузории ташаббусҳои омӯзишӣ ва маърифатӣ эътироф мекунем, ки масалан, бо таъмин намудани марказҳои таълимии ҷамъиятӣ бо омӯзгорони соҳибихтисос вобаста аст. Мо гуногунии фазоҳои таълимиро эътироф мекунем: иншооти таҳсилот ва омӯзиши техникӣ ва касбӣ (ТОТК), муассисаҳои таҳсилоти олӣ, китобхонаҳо, осорхонаҳо, ҷойҳои корӣ, ҷойҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои санъат ва фарҳанг, варзиш ва истироҳат, гурӯҳҳои баробар, оилаҳо ва ғайра. Ин маънои онро дорад, ки иқтидори институтсионалӣ барои пешбурди омӯзиш дар тӯли ҳаёт барои ҳама дар сатҳи маҳаллӣ тақвият меёбад, масалан тавассути ҳавасмандкунии рушди шабакаи шаҳрҳои таҳсилкунанда, иштироки ҷонибҳои манфиатдори маҳаллӣ, аз ҷумла таълимгирандагон, гурӯҳҳо ва муассисаҳои ҷамъиятӣ.



Mark Cruzat/Pexels




**25.** Ғайр аз он, мувофиқи кӯшиши мо барои эҷоди роҳҳои фасеҳи омӯзиш дар дохил ва байни намудҳои фаъолияти меҳнатӣ, мо таъкид менамоем аҳамияти эътирофи омӯзиши қаблӣ, инчунин тасдиқ ва аккредитатсияи омӯзиши ғайрирасмӣ ва ғайриасосӣ, дар ҳолати мувофиқ ва бомаврид будан, барои ҳамгироии тамоми қисматҳои аҳолӣ, алахусус гурӯҳҳои осебпазир ва камшумора, ба монанди маъюбон, ба эконизоми кушода ва фасеҳи таҳсилот ва тайёрии касбӣ. Аз ин лиҳоз, ба масъалаи шомил кардани ҷамоатҳои маҳаллӣ ба тамоми равандҳои таҳсилот ва омӯзиш дар тӯли ҳаёт диққати махсус додан лозим аст. Эҷоди роҳҳои омӯзишии чандир калиди таъмини интиқолпазирӣ дар байни барномаҳои гуногун, сатҳҳои омӯзиш ва бахшҳои шуғл аст, инчунин барои ба таълимгирандагон додани имконият барои интихоби роҳҳои омӯзишии худ мувофиқи истеъдод ва манфиатҳои худ, бо истифодабарӣ аз бартариҳои ба роҳ мондани алоқа дар байни зербахшҳои таҳсилот ва бозори меҳнат.

# ТАЪМИНИ СИФАТИ ОМӮЗИШ

**26.** Мо нақши калидии муаллимон ва омӯзгорон, аз ҷумла омӯзгорон-ихтиёриён ва дигар мутахассисонро, ки ба соҳаи омӯзиш ва таҳсилоти калонсолон ҷалб шудаанд, таъкид менамоем. Мо, оид ба зарурати таҳияи сиёсат ва стратегияҳо барои такмили ихтисос, такмили минбаъдаи касбӣ ва соҳибихтисос шудани омӯзгорон барои калонсол изҳор менамоем, ки он тавассути таҳсилоти ибтидоӣ, омӯзиш бидуни тарки истеҳсолот ва омӯзиши муттасил дар ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо ва пажуҳишгоҳҳо, инчунин бо роҳи беҳтар кардани шароити кор ва мақоми онҳо, аз ҷумла самтҳои рушди касбии онҳо, ба роҳ монда шудааст. Мо инчунин низоми муайян кардани сатҳи салоҳиятҳои ОТК-ро ҳамчун воситаи стратегӣ барои баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон ва тахассуси онҳо эътироф мекунем.

**27.** Бо таъкиди нақши муҳими омӯзиши рӯзона дар модели ОТК, мо ӯҳдадор мешавем, ки барномаҳои таълимӣ ва маводҳои таълимии мубрам, бидуни табъиз ва аз ҷиҳати гендерӣ ҳассосро тарғиб намоем, ки самтҳои нави омӯзишро дар бар мегиранд, ба монанди таҳсилот дар соҳаи шаҳрвандии глобалӣ, таҳсилот ба манфиати рушди устувор, таҳсилот ба манфиати саломатӣ ва некӯаҳволӣ, малакаҳои иҷтимоӣ-эҳсосотӣ, малакаҳои тафаккури трансверсалию интиқодӣ ва малакаҳои рақамӣ.

**28.** Мо муҳимияти гузаронидани тадқиқот ва арзебиро барои муайян кардани тадбирҳои сиесӣ ва амалӣ барои пешбурди минбаъдаи фарогирӣ, сифат ва мубрамии ОТК, таъкид менамоем. Ин гузаронидани тадқиқоти муштаракро пешбинӣ менамояд, ки ба дастгирии таҳиягарон, омӯзгорон ва иштирокчиени барномаҳои ОТК нигаронида шудаанд.



Monkey Business

# ЗИЁД НАМУДАНИ МАБЛАҒГУЗОРӢ

**29.** Мо зарурати зиёд кардани ҳаҷми маблағгузории давлатӣ ва сафарбаркунии захираҳо, инчунин пешгирии паст шудани сатҳи мавҷудбудаи маблағгузории давлатии ОТК-ро эътироф менамоем. Ҳамчун ҷузъи таҳсилот дар тӯли ҳаёт, ОТК бояд аз ҳисоби саҳми доираи васеи ҷонибҳои манфиатдор, вазоратҳои гуногун, корфармоён ва дигар субъектҳои хусусӣ, мақомоти ҳукумати маҳаллӣ ва донишҷӯён маблағгузорӣ карда шавад. Чунин шакли маблағгузорӣ бояд ӯҳдадориҳои мунтазами аз буҷа ҷудо кардани маблағро бо дигар манбаъҳо ва механизмҳо муттаҳид кунад, аз ҷумла маблағгузории омехта ва тадбирҳои мақсаднок барои занон ва донишҷӯёни гурӯҳҳои осебпазир ё дарканормонда. Мо ният дорем, ки маблағгузории давлатии таҳсилоти калонсолонро тибқи шароити ҳар як кишвар афзоиш диҳем ва онро давра ба давра ба нишондиҳандаҳои байналмилалӣ расонем - на камтар аз 4-6% аз маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД), ё ин ки на камтар аз 15-20% аз хароҷоти умумии буҷети маориф.[1]

**30.** Бо дарназардошти нақши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ноил шудан ба сатҳи лозимии маблағгузории ОТК ва саҳми имконпазири ОТК дар дастрасӣ ба ҳамаи 17 ҲРУ, мо даъват менамоем, ки доираи татбиқи механизмҳои глобалии маблағгузории ҳамкорӣ дар соҳаи маориф барои рушди ОТК васеъ карда шавад. Тибқи ӯҳдадориҳои худ оид ба ноил шудан ба ҲРУ-и №4, мо аз хазинаҳои мавҷудаи глобалии таҳсилотӣ, аз ҷумла "Шарикии глобалӣ дар соҳаи таҳсилот" ва "Таҳсилот интизор шуда наметавонад" даъват менамоем, ки ОТК-ро ба стратегияҳо, афзалиятҳо ва дастгирии молиявие, ки онҳо ба кишварҳои шарики худ мерасонанд, дохил кунанд. Мо оид ба зарурати бартараф кардани норасоии маблағ бо мақсади ноил шудан ба нишондиҳандаҳои мақсадноки саводнокӣ дар байни калонсолон, ки дар ҲРУ-и №4 пешбинӣ шудааст, ва ҳамгироии омӯзиши малакаҳои касбӣ тавассути иҷрои ӯҳдадориҳои мавҷудаи марбут ба кӯмаки расмии рушд (КРР), аз ҷумла ӯҳдадориҳои бисёр давлатҳои пешрафта барои ҷудо кардани 0,7%-и ММД ба КРР барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, изҳор менамоем.[2]

[1] Ин ӯҳдадориҳо аллакай дар форуми умумиҷаҳонии маориф дар Инчхон 21 майи соли 2015 қабул шуда, аз ҷониби 184 давлат-аъзои ЮНЕСКО ҳангоми баргузории Вохӯрии сатҳи баланд 4 ноябри соли 2015 дар Париж тасдиқ карда шуданд.

[2] Ин ӯҳдадорӣ аллакай дар доираи вазифаи 17.2-и ҲРУ-и №17 қабул шудааст.



# МУСОИДАТ БА ФАРОГИРӢ

**31.** Мо ӯҳдадор мешавем, ки ба гуногунӣ, аз ҷумла гуногунии забонҳо, фарогирӣ, дастрасӣ ва баробарӣ аҳамияти истисноӣ диҳем ва онҳоро ҳамчун афзалият барои васеъкунии дастрасӣ ба ОТК ба шахсони дар канор монда, муҳофизатнашуда, ба қадри кофӣ намояндагӣ надошта ва гурӯҳҳои осебпазир ва ҷомеаҳо, эътироф кунем. Инчунин зарур аст, ки вазифаҳои таъмини баробарӣ ва фарогирӣ бо масъулияти махсус дар назди мардуми таҳҷоӣ ва бо назардошти воқеияти онҳо, иҷро карда шаванд. Ин ӯҳдадорӣ аз тасдиқи таҳсилот ҳамчун ҳуқуқи инсон бармеояд, ки он дар бар мегирад ҳуқуқи иштирокро ҳамчун воситаи васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳо, фаъолнокӣ ва шаҳрвандии ҷаҳонӣ.

**32.** Мо ӯҳдадор мешавем, ки иштирокро ҳам дар барномаҳои ғайрирасмӣ ва расмии ОТК ба таври назаррас васеъ намоем ва кишварҳоро даъват мекунем, ки барои иштироки гурӯҳҳои гуногуни таълимгирандагон нишондиҳандаҳои баландтар муайян намоянд. Барои фарогирии аҳолии осебпазир ва калонсол, ки дар айни замон бо барномаи ОТК фаро гирифта нашудаанд, мо ӯҳдадор мешавем, ки низомҳои паҳнкунии иттилоот ва машваратдиҳиро барои баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи имкониятҳои омӯзиш, васеъ намудани иштирок ва ҳавасмандгардонии таълимгирандагон пешбарӣ кунем.

**33.** Мо бори дигар муҳимияти ҷорӣ намудани низомҳои иттилоотии боэътимод, шаффоф, дастрас ва аз ҷиҳати гендерӣ ҳассоси ОТК-ро тасдиқ мекунем, ки имкон медиҳад пешравӣ дар иштирок ва ҳифзи таълимгирандагон, бо таваҷҷӯҳ ба гурӯҳҳои аҳолии ба таври лозимӣ бо хизматрасонӣ таъминнабуда, пайгирӣ карда шавад, инчунин зарурати табодули дониш байни муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, доираҳои академӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва Давлатҳои Аъзо.



Jan Krukov / Pexels

# ВАСЕЪ НАМУДАНИ СОҲАҲОИ ОМӮЗИШ

**34.** Мо бори дигар саводнокиро ҳамчун муттасилии сатҳҳои омӯзиш ва салоҳиятнокӣ, ки асоси омӯзиш ва таҳсилоти калонсолон мебошад, тасдиқ менамоем. Мо ӯҳдадор мешавем, ки бо мақсади татбиқи сиёсати дахлдор ва ноил шудан ба нишондиҳандаҳои мақсадноки ҲРУ 4.6, кӯшишҳои худро ба таври назаррас фаъол мекунем. Ин дарбар мегирад, таҳияи сиёсати ҳамаҷониба ва ба далелҳо асосёфтаро, ки аз ҷиҳати гендерӣ табдилёбанда, байнисоҳавӣ ва фарогир дар соҳаи баланд бардоштани саводнокӣ ва стратегияҳои татбиқи он мебошад.

**35.** Мо аҳамияти муҳими омӯзиш дар ҷои кориро эътироф мекунем. Эҷоди фарҳанги омӯзиш дар ҷои корӣ дар тӯли ҳаёт муҳим аст ба кормандон барои ба даст овардан ва нигоҳ доштани кори арзанда, мутобиқ шудан ба талаботи нави меҳнат ва ноил шудан ба рушди шахсӣ ва истифодаи имкониятҳои худ. Мо инчунин эътироф мекунем, ки омӯзиш дар ҷои корӣ бояд ба бунёди ҷамъияти бештар фарогир ва одилона мусоидат кунад. ОТК ба баланд бардоштани сатҳи самаранокӣ, ҳосилнокӣ ва некӯаҳволӣ дар ҷои корӣ мусоидат мекунад ва мо корфармоенро даъват мекунем, ки ба ОТК дар ҷои корӣ сармоягузорӣ кунанд.

**36.** Бо эътирофи таъхирнопазирӣ ва аҳамияти амалҳо дар соҳаи ҳифзи иқлим ба манфиати рушди устувор, мо ӯҳдадор мешавем, ки таҳсилотро ба манфиати рушди устувор ҳавасманд кунем ва огоҳиро дар бораи сабабҳо ва оқибатҳои тағйирёбии иқлим баланд бардорем. Зеро ҷавонон ва калонсолон тавонанд масъалаҳои мубрами рушди устуворро беҳтар дарк кунанд ва ҳамчун шаҳрвандони ваколатдор амал кунанд, модели истеъмол ва тарзи ҳаёти худро ба он мутобиқ кунанд ва дар мубоҳисаҳо ва ташаббусҳои демократӣ оид ба ҳифз ва нигоҳдории муҳити зист фаъолона иштирок кунанд.

**37.** Бо эътирофи нақши назаррасе, ки технологияҳо дар ОТК мебозанд, Давлатҳои Аъзо ӯҳдадор мешаванд, ки роҳҳои коҳиш додани фосилаи рақамӣ ва пешбурди саводнокӣ ва малакаҳои рақамиро муайян кунанд, ва инчунин ифода кардани самтҳои нав барои "Паймони донишҳо", бо такя ба воситаҳои меъёрии ЮНЕСКО, ки дастрасӣ ба донишро муайян мекунанд (Тавсияҳо оид ба захираҳои кушодаи таҳсилотии соли 2019 ва Тавсияҳо оид ба илми кушодаи соли 2021), инчунин истифодаи Зеҳни Сунъӣ (Тавсияҳои соли 2021 оид ба этикаи ЗС) барои омӯзиш. Аз ин рӯ, дар баробари ҳавасмандгардонии омӯзиши омехта, ки воситаи самараноки фарогирии одамон ва ҷомеаҳои дарканормонда мебошад, ки ба ОТК мӯҳтоҷанд, мо инчунин кӯшиш хоҳем кард, ки захираҳои кушоди таълимиро ба манфиати умум ва ҷомеа пеш барем ва мушкилоти марбут ба баробарӣ ва ҷалбшавӣ, махфият ва ахлоқро дар робита бо истифодаи технологияҳо барои омӯзиш, ҳал кунем

**38.** Бо назардошти таъсири пандемияи COVID-19, мо аҳамияти омӯзишро барои некӯаҳволии шахсӣ ва тандурустии ҷамеа тасдиқ мекунем. Мо зарурати тақвияти ин ҷанбаҳоро дар ҳамаи сиёсат ва барномаҳои ОТК дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ бо истифода аз таъсири мусбати ОТК ба саломатии аҳолӣ - аз ҷумла ба пиронсолон, эътироф мекунем. Омӯзиш ба манфиати саломатӣ ва некӯаҳволӣ муҳимияти иртиботи ҲРУ №3 бо ҲРУ №4, инчунин ба назар гирифтани масоили ОТК ва тандурустӣ дар стратегияҳо ва барномаҳои бисерсоҳавиро таъкид менамояд.



stockpexel/Shutterstock.

39. Мо инчунин муҳимияти шаҳрвандии фаъол ва ҷаҳонӣ, инчунин саводнокии ахборотӣ ва иттилоотиро дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва мушкилоти рушд таъкид мекунем.  Аз ин рӯ, мо ташаббусҳоро оид ба таҳкими таҳсилоти шаҳрвандии калонсолон барои рушди қобилияти таълимгирандагон дар баҳодиҳии интиқодии иттилоот, қабули қарорҳои оқилона, рушди фаъолнокии худ, ба ҳаёти маҳаллӣ саҳми назаррас гузоштан, дар муҳокимаи умумихалқӣ фаъолона иштирок кардан, ҳавасманд менамоем.

40. Мо ӯҳдадор мешавем, ки Рӯзномаи 2030 оид ба Рушди устуворро ҳамчун харитаи роҳ барои ташаккули малакаҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) истифода барем, таъсири ин барномаро дар таъмини ҳамоҳангсозӣ ва ҳамгироӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои бисёрҷанбаи ОТК дар солҳои оянда, эътироф менамоем. Таъмини таҳсилоти босифат ва ҳавасмандкунии имкониятҳои омӯзиши дар тӯли ҳаёт барои ҳама, механизми муҳими татбиқи ҲРУ №4 мебошад, инчунин шарти пешакии паст кардани ҳаҷми камбизоатӣ (ҲРУ №1), саломатӣ ва некӯаҳволӣ (ҲРУ №3), баробарии гендерӣ (ҲРУ №5), коҳиш додани нобаробарӣ (ҲРУ №10),  таъмини шуғли музднок ва ҷойҳои кори муносиб (ҲРУ №8), бунёди шаҳрҳои фарогир, бехатар, тобовар ва устувор (ҲРУ №11),  мусоидат ба ҷомеаи одилона, осоишта ва фарогир, озод аз зӯроварӣ (ҲРУ №16) ва андешидани чораҳо барои мубориза бо тағйирёбии иқлим (ҲРУ №13).  Илова бар ин, таҳсилоти калонсолон ин ҳуқуқ ба таҳсил аст ва барои татбиқи тамоми ҳуқуқҳои инсон муҳим мебошад.

# ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРОИ ТАТБИҚ ВА МОНИТОРИНГ

**41.** Ӯҳдадориҳои Барномаи доиравии амали мазкурро иҷро намуда, бо мақсади мубодилаи пайвастаи дониш ва таҷрибаи пешқадам, мусоидат ба омӯзиши мутақобила ва рушди иқтидори институтсионалӣ, инчунин дар рӯҳияи якдилии байналмилалӣ, мо ӯҳдадор мешавем, ки минбаъд низ дастгириро идома медиҳем ва дар ташаббусҳои ҳамкории байналмилалӣ барои беҳтар кардани ОТК ва мусоидат ба омӯзиш дар тӯли ҳаёт, иштирок менамоем.

**42.** Мо ӯҳдадор мешавем ба Давлатҳои Аъзо, ки дар ноил шудан ба ҲРУ №4 ва дигар ҲРУ бо мушкилоти хос рӯбарӯ мешаванд, таваҷҷӯҳи махсус медиҳем:

• Давлатҳои Аъзои аз низоъ зарардида, бо назардошти эҳтиёҷоти хоси онҳо дар робита ба иштирок дар ОТК, аз ҷумла барои гурезаҳо ва шахсони овора, инчунин барои баланд бардоштани иқтидор;

• давлатҳои хурди ҷазиравии рӯ ба тараққӣ (ДХҶТ), бо назардошти осебпазирии сохтории онҳо, ки бо тағйирёбии иқлим шадидтар мешавад;

• давлатхои қитъаи Африка, ки дар соҳаи маориф ба мушкилоти доимӣ дучор меоянд ва барои тараққиёти оянда имкониятҳои калон доранд.

• давлатхои нисбатан сусттараққикарда (ДСТ), ки минбаъд низ сазовори таваҷҷӯҳи махсус ва дастгирии мақсаднок мебошанд.

**43.** Мо ЮНЕСКО-ро ҳамчун агентии пешбари Созмони Милали Муттаҳид оид ба таҳсилот даъват менамоем, ки дар ҳамкорӣ бо Давлатҳои Аъзо татбиқи Барномаи доиравии амали мазкурро тавассути таъмини пешниҳоди ҳисоботҳои даврӣ оид ба пешравии бадастомада, дастгирӣ намояд.

**44.** Мо ӯҳдадор мешавем, ки Барномаи доиравии амали мазкурро тавассути механизмҳои мутобиқ дар сатҳҳои глобалӣ, минтақавӣ, миллӣ, зермиллӣ ва маҳаллӣ, ки ба сохтори глобалии ҲРУ №4 асос меёбад, пеш мебарем, ки чунин механизмҳо ва платформаҳоро дар бар мегирад, монанди Ҳисоботи глобалӣ оид ба омӯзиш ва таҳсилоти калонсолон (GRALE), Паймони глобалии мониторинги омӯзиш (GAML), Паймони глобалии паҳншавии саводнокӣ (GAL), Гузориши глобалӣ оид ба мониторинги маориф (GEMR), Кумитаи роҳбарикунандаи сатҳи баланди ҲРУ №4 – “Таҳсилот–2030”, Форуми сиёсии сатҳи баланд оид ба рушди устувор, кори шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла созмонҳои ғайридавлатӣ ва мониторинг дар сатҳи кишвар. Мо таъсиси Донишкадаи Африкоии омӯзиш дар тӯли ҳаётро, ки бо ташаббуси Шоҳигарии Марокко ташкил карда шудааст, истиқбол менамоем.

**45.** Мутобиқи анъанаҳои GRALE, мо бори дигар оид ба зарурати иттилооти боэътимод, шаффофу дастрас ва низомҳои мониторинги аз ҷиҳати гендерӣ ҳассос, таъкид мекунем, ки метавонанд ҳам маълумоти навтарин ва дақиқи тақсимшударо барои мониторинги даврии татбиқи Барномаи доиравии амали мазкур таъмин намоянд, ва ҳамчунин дастгирии плаформаҳои рақамиро барои осон намудани табодули дониш ва таҷрибаи пешқадам байни Давлатҳои Аъзо ва дигар субъектони асосӣ дар соҳаи ОТК таъмин намоянд.

**46.** Мо аз ЮНЕСКО даъват менамоем, ки тавассути Пажуҳишгоҳи омӯзиш дар тӯли ҳаёт раванди мониторингро дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамоҳанг созад, то ин ки гузоришҳои даврӣ дар бораи пешрафт дар соҳаи ОТК тавассути воситаҳои махсус, аз ҷумла Ҳисоботи Глобалӣ ва Баррасии Миёнамӯҳлати CONFINTEA VII соли 2028 барои арзёбии дастовардҳо, пешниҳод карда шаванд.

**47.** Мо инчунин пешниҳоди Шоҳигарии Мароккоро дар бораи таъсиси комиссияи байнидавлатӣ оид ба таъмини иҷрои самаранок ва дастаҷамъонаи тавсияҳои Доираи мазкур пас аз CONFINTEA VII, истиқбол мекунем.

**48.** Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мо Доираи Маррокашии амалро қабул мекунем, ки ба истифодаи иқтидори табдилдиҳандаи ОТК, дар доираи дурнамои омӯзиш дар тӯли ҳаёт, барои созмон доданиояндаи барои ҳама аз ҷиҳати иҷтимоӣ муттаҳидкунанда, мукаммал, фарогир ва устувор, кӯмак мекунад.



unesco
Institute for
Lifelong Learning

CONFINTEA VII

UNESCO
Пажуҳишгоҳи омӯзиш дар тӯли ҳаёт
Фелдбрунненштрассе, 58
20148, Гамбург, Олмон
Тел.  +49 (0) 40 44 80 41 0
Факс +49 (0) 40 410 77 23

Education 2030